**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2023, таҳти №13/ҳя ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи муҳимми илмӣ – маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки яке аз хусусиятҳои хоси марҳилаи навини қонунгузории конститутсионии давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Зарурати маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, албатта, як қисмати он, дар марҳилаи навин аз он омил сарчашма мегирад, ки дар раванди амалишавии муносибатҳои ҷаҳонишудаи муосир гурӯҳи давлатҳо, давлат, гурӯҳи одамон метавонанд, ки ҳуқуқу озодиҳоро бар зарари давлати дигар, миллат ё гурӯҳи дигар истифода баранд. Мутаассифона реҷаи демократӣ – реҷаи беҳтарин аст, аммо ҳангоми амалия норасоиҳои зиёд низ доранд, ки яке аз онҳо пешбинӣ карда натавонистани суиистифода аз ҳуқуқ, бар зидди манфиати ҷомеа ва шахсият истифода кардани онҳо мебошад.

Дар замони муосир муносибатҳо дар ҷомеаи инсонӣ то ҳадде рушд ёфтаанд, ки боис ба эътирофнамоӣ ва дигаргунсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардида,

низомҳои ҳуқуқиро моил бар он намуда истодаанд то мазмун ва моҳияти худро дигаргун созанд. Аз ҷумла, дар баъзе аз давлатҳои аврупоӣ ҳуқуқ ва озодиҳое мавриди эътирофнамоӣ қарор гирифтаанд, ки ба урфу одат, тарзи зиндагӣ, ахлоқи ҷомеа, манфиатҳои давлат ва низоми ҳуқуқии миллии мо мутобиқат наменамоянд.

Бояд иқрор шуд, ки дар садаи бистуяк бо ташаккули илму техника, бамаротиб доман паҳн намудани ҷаҳони сабз (интернет) ва рушди муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ дар замири насли нав то андозае коҳиш ёфта, барои ба вуҷуд овардани арзишҳои ғайриинсонӣ ва ғайриахлоқӣ замина фароҳам оварда истодааст. Дар чунин шароит таъмин намудани оромии комил, сулҳи сартосарӣ, нигоҳдошти амнияти давлат, авлавияти татбиқсозии меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ мушкил гардида, ҳувияти ватансозӣ ва бунёди давлати миллиро дар замири аҳолӣ коҳиш медиҳад. Бо ин назардошт, зарурати муайян намудани сарҳади татбиқсозии муносибатҳои нисбатан нав дар ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, аз низоми ҳуқуқии давлат тақозо менамояд то тавассути меъёрҳои мушаххаси санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳудуди ҳуқуқу озодиҳо инсонро амиқан нишон диҳад. Ҳуқуқ ва озодӣ бояд сарҳади баамалбарори худро дошта бошад. Зеро, ҳуқуқ ва озодии инсон ҳаду ҳудуди татбиқсозии худро дорад. Инсон ҳуқуқ ва озодиашро бояд то он ҳудуде ба амал барорад, ки сарҳади ҳуқуқу озодии нафари дигар оғоз меёбад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, рисолаи номзадии Исозода П.А. дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти махсусро соҳиб буда, дар ташаккули илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва муайян намудани мушкилоти марбут ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон метавонад саҳмгузор бошад.

Диссертатсияи Исозода П.А. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Муаллифи рисолаи илмӣ дар доираи ду боб ва шаш зербоб тавонистааст, ки мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро ба таври ҳаматара таҳлил намуда, дидгоҳи худро дар самти ҳалли мушкилоти марбут ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд манзур намояд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назарӣ оид ба мафҳум ва моҳияти маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар доираи боби ишорашуда мафҳум, моҳият ва аҳаммияти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мафҳум ва низоми василаи ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода шудаанд. Бояд ишора намуд, ки диссертант дар ҷодаи таҳлили масъалаҳои ишорашуда ба

муваффақият ноил гардидааст. Зеро, ӯ ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз нигоҳи илми ҳуқуқи конститутсионӣ тавонистааст, ки вориди масъала шавад ва ҳамчун муҳаққиқ мушкилоти назарӣ ва амалии онро мавриди таҳлил қарор диҳад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Низоми ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар доираи боби мазкур масъалаҳои мубрами марбут ба мавзуи таҳлилшаванда, аз қабили танзими ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар ҳолати муқаррарӣ, танзими ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ҳолати муқаррарӣ, ҳамзамон мафҳум, асосҳо ва ҳудуди маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудаанд. Аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намудани маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳолатҳои муқаррарӣ ва вазъияти фавқулода, барои аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта ҳам дар муҳити илмӣ ва ҳам дар муҳити қонунэҷодкунӣ заминаи мусоидро фароҳам меорад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назарӣ ва амалии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузоштašуда бар меоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода П.А. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назарӣ ва амалии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ифода менамоянд. Яъне, таҳқиқбаранда бо дарназардошти омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва амалии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нуктаҳои илмии худро манзур намудааст, ки онҳо вазифа ва ҳадафҳои гузоштašударо дар рисолаи илмӣ таҷассум менамоянд. Дар диссертатсия чунин навгониҳои илмӣ:

– мафҳуми маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд матраҳ гардидааст;

– моҳият, вижагӣ ва асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайн карда шудааст;

– принсипҳои маҳдуднамоӣ бо назардошти талаботи илми муосир асоснок карда шудааст;

– унсурҳои асосии амалисозии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо ошкор карда шудаанд;

– субъектони тадбиққунандаи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мушаххас карда шудаанд;

– таснифоти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бо назардошти унсурҳои мушаххас, сурат гирифтааст;

– мушкилоти ҷойдошта дар қонунгузории миллӣ оид ба мушкилоти маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодӣ ошкор карда шуда, барои такмили минбаъдаи санадҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ таклифҳои судманд пешниҳод гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бояд қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва дурнамои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, асос мeёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода П.А. аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаҳои мухталиф, махсусан дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ», «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷа» ва курси махсуси «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.**

Диссертатсияи Исозода П.А. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Унвонҷӯ дар қисми 2-юми нуктаи 2-юми илмии назариявии худ қайд менамояд, ки яке аз аломатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ин «озод (яъне, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда) ё ин ки муваққатан боз доштани рафторҳои озод» мебошад. Дар чунин ҳолат савол ба вуҷуд меояд, ки муаллиф дар зери вожаи «озод» чиро дар назар доранд? Зеро, озод кардан маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро ифода намекунад. Бо ин мақсад, зимни ҳимояи рисолаи илмӣ андешаи муаллиф ва асосноккунии масъаларо шунидан зарур аст.

2. Муаллифи рисолаи илмӣ дар тавсияи якуми илмии худ қайд менамояд, ки дар қонунгузорӣ бояд мафҳуми «принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» ҷой дода шавад. Вале, дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мафҳумии муаллифии унвонҷӯ оид ба мафҳуми «принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» матраҳ нагардидаанд. Инчунин, муаллиф ба таври мушаххас нишон надодааст, ки мафҳуми ишорашуда дар кадом қонун ҷой дода шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми ҳимояи рисолаи илмӣ муаллифи рисола дар зери мафҳуми «принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» чиро мефаҳмад ва ин мафҳум дар кадом қонун бояд ҷой дода шавад, бояд шарҳ диҳад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, масоили назарияи давлат ва ҳуқуқ, илми ҳуқуқи инсон ва илми ҳуқуқи конститутсионӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исозода П.А. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дарачаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он - Исозода Парвиз Асадулло, сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи таърихи давлат
ва ҳуқуқи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор Буризода Э.Б.

Имзои Э.Б. Буризодаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шозедов Х.Н.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

«11» 04 2023 с.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19.
Тел.: +992 (37) 221-56-89; E-mail: buriev-68@mail.ru